**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии уивончӯи кафедраи биологияи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Доиишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон»**

Рисолаи илмии Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ).

Бояд зикр намуд, ки дар даврони муосири рушди ҷомеаи Тоҷикистон, ислоҳот ва таҳаввули соҳаи маорифи ватанӣ, рушди фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён дар ташаккули қобилияти эҷодӣ ва салоҳиятнокӣ, масъалаҳои муҳим ва қобили таваҷҷуҳ буда, ҳалли оқилонаи он дар омодашавии мутахассисони ояндаи кордон ва соҳибдонишу соҳибмаҳорат мақоми шоиста касб мекунад.

Дар муқаддима интихоби мавзуъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш ва навоварии илмии он асоснок шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ муайян гардида, пойгоҳи манбаъҳои таҳқиқшаванда тавсиф ёфта, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор муайян карда шудааст.

Таълим ва тарбияи экологии муҳасиллин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи омодасозии омӯзгорони баландихтисос ба нақша гирифта шудааст. Дар қатори масъалаҳои дигари касби камол донишҷӯёни макотиби олии кишвар аз рӯйи ихтисосҳои гуногун ҳатман бояд ба маълумоти кофии экологӣ фаро гирифта шаванд. Дар омодасозии омӯзгорон хоҳиш ва майл, кӯшиши худи донишҷӯён ба омӯзиши масъалаҳои ҳифзи муҳити атроф аҳамияти калон дорад. Тарбияи экологӣ ва самаранокии он асосан ба омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти педагогӣ дар заминаи ташаккули маърифати экологии хонандагон зич алоқаманд аст.

Бо назардошти талаботи ҷомеаи муосир бобати ҳалли мушкилоти экологӣ дар робита ба тарбия ва омодасозии насли наврас ҷиҳати дуруст ва мақсаднок ба роҳ мондани муносибатҳои экологӣ, фаъолияти муштарак ва самаранок роҷеъ ба истифода, ҳифзи боигариҳои табиӣ бе коркарду таҳияи асосҳои бунёдӣ ва методологии масъала дар заминаи озмоиши илмӣ имконнопазир аст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши

«Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

***Дар боби якум*** «Асосҳои назариявӣ-методологии салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи фанни биология» ном дошта, дар он ҷанбаҳои назариявӣ ва вазъи таълими пайдарпаю муттасили экологӣ; омодасозии экологии омӯзгорониояндаи биология дар шароити таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ташаккули маҳорати мақсадноки идоракунии фаъоли таълим ва ташаккули маърифати экологии омӯзгорониояндаи фанни биология мавриди таҳқиқ ва таҳлили муфассал қарор гирифтааст.

Зикр мегардад, ки табиат ҳамчун унсури ҳамеша барҳаёт ба ниёзҳои моддӣ ва ахлоқӣ бо мавҷудоти дигари зинда, ки қисми асосии ҳаёти сайёраи моро ташкил медиҳад, алоқаи зич дорад. Он меҳрубонӣ, тозакорӣ, навозиш ва эҳиётро мехоҳад. Аз ин лиҳоз, пайдошавии масоили экологӣ аз омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, ҳалли он тавассути роҳу василаи гуногун, таҷаддуди арзишҳо, ғояҳо, андешаҳо, рафтору муносибати инсонҳо ва аҳолии кураи замин, манотиқу кишварҳо амалӣ мегардад, ки дар ин раванд масъалаи маърифати экологӣ дар робита ба зинаҳои гуногуни таҳсилот ба ҳукми махсуси эътирофу арзишҳо шарафёб мегардад.

***Дар боби дуюм*** – «Ташаккули салоҳиятнокии экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология» масъалаҳои гуногун, амсоли методҳо ва принсипҳои ташаккули салоҳиятнокии экологии донишҷуён-омӯзгорониояндаи биология; омилҳои салоҳиятнокии касбию экологии омӯзгорониояндаи биология; кори озмоишӣ доир ба маҳсулнокии ташаккули салоҳиятнокии экологии омӯзгорониояндаи биология матраҳ ва баррасӣ ёфтанд.

Аз ҷумла қайд мегардад, ки методҳои таълим инъикоси низоми мураттаби принсипҳо ва қоидаҳои ҳадафманди фаъолияти донишҷӯ-омӯзгори ояндa мебошад, ки ба таври муштарак усулҳои омӯзиш ва принсипҳои муайяни дидактикиро роҳандозӣ мекунад. Воқеан, вақте сухан дар бораи истифодаи ин ё он метод меравад, дар бораи вобастагии мутақобилаи онҳо сухан меравад, ки ҳадафҳои дидактикӣ, мазмуни экологӣ, сатҳи омодасозии донишҷӯён ва омилҳои муҳимми дигарро муайян месозад.

Дар боби мазкур амсилаҳои гуногун доир ба ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифт. Аз ҷумла, ба амсилаҳо доир ба ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ ва тавсифи сатҳу дараҷаи таълими таҳқиқотӣ-экологӣ маълумотҳои пуррарӣ рақамӣ дар доираи ҷадвалҳои махсус оварда шудааст.

Мавқеи махсус дар ин боб ба масъалаи ташаккули салоҳияти экологии омӯзгори оянда дода шудааст. Зикр мегардад, ки дар Стандартҳои нави давлатии таҳсилот ғояи самтгирӣ на ба маълумоти иттилоотӣ, балки ба ҳадафи

ниҳоӣ-салоҳиятнокӣ ва амалан ба кор бурдани малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои касбшуда, яъне сайқал додани қудрат ва неруи фаъолшавӣ татбиқ мешавад. Чунин воқеият амсилаҳои омода кардани омӯзгорони ояндаи биологияро дарбар гирифта, раванди ташаккули салоҳиятнокӣ дар ин марҳила ба сатҳи баланди амал татбиқ мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант дар қатори маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои махсуси илмӣ ба табъ расидааст.

Ман итминон дорам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Назаров Т.Х. ин огози таҳқиқоти ҷиддӣ андар ҷодаи доманадори педагогика ва хусусан методикаи таълим ба шумор меравад ва Назаров Т.Х. метавонад дар оянда пажӯҳишоти худро идома дода, ба муваффақиятҳои нав комёб гардад.

Рисола ҷавобгӯи талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи таълими
фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Холназаров С.

Имзои профессор С.Холназаров-ро
тасдиқ мекунам. Сардори раёсати
кадрҳои Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.